**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба таҳқиқи вижагиҳои масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамои воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ низоми ВАО-и Тоҷикистон ташаккул ёфт, муносибатҳои сармоядорӣ ва молиявӣ ба вуҷуд омаданд, ширкатҳо ва корпоратсияҳои гуногун пайдо шуданд ва тиҷорат дар шаклҳои нав зуҳур намуд. Тамоюлҳои мазкур боиси пайдо шудани ВАО-и корпоративӣ дар мамлакат гардиданд, ки онҳо то имрӯз яке аз иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои иртиботӣ ҳисобида мешаванд.

Аз ин ҷиҳат, метавон мавзуи диссертатсияи мазкурро муҳим баррасӣ намуд, зеро таҳқиқи мушкилоти расонаҳои корпоративӣ дар Тоҷикистон ва таҳияи вижагиҳои он барои аудиторияи мақсаднок таваҷҷуҳи зиёди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки дар низоми журналистикаи муосири тоҷик расонаҳои корпоративӣ ва соҳавӣ ҷойгоҳи хосаеро ишғол мекунанд, ки дар баробари таблиғи арзишҳои корпоративӣ ва соҳавии инфиродӣ, онҳо дар баррасии масъалаҳои муҳимми иҷтимоии кишвар фаъолона иштирок менамоянд.

Диссертатсия дар илми журналистикаи тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммал оид ба хусусиятҳои жанрию мавзуии журналистикаи корпоративӣ буда, дар он масъалаҳои мавқеи ВАО-и корпоративӣ дар низоми муосири Воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон, заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ, омилҳои типологии

ташаккули матбуоти корпоративӣ, вижагиҳои функсионалӣ, сохтор ва шакли ВАО-и корпоративии намудҳои гуногун, нақши расонаҳои корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат, таҳлили сомонаҳои корпоративӣ ҳамчун воситаи муассири менеджмент ва маркетинг, омӯзиши маҷаллаҳои ҳавопаймоӣ (бортӣ) ҳамчун як намуди ВАО-и корпоративӣ, нақши махсуси ВАО-и корпоративӣ дар ташаккули муколама ва муносибатҳои эътимодбахш, мушаххас кардани авлавиятҳо, мавқеъ ва дурнамои рушди ВАО-и корпоративӣ дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Диссертатсия ва автореферати Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия тӯли солҳои гуногун дар ВАО-и корпоративӣ фаъолият намуда, дар мавзуи мавқеи матбуоти корпоративӣ дар журналистикаи муосири тоҷик диссертатсияи номзадӣ ҳимоя кардааст. Аз ин рӯ, баррасӣ ва собитсозии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ аз лиҳози илмӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 4 монография ва 36 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Хоҷазод Саидмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Ҳасанова Таҳмина Ғаюровна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Муқимов М. А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Муродӣ М. Б.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Салихов Н. Н.

«24» декабри соли 2024